# ТАҚРИЗ

ба рисолаи диссертатсионии **Қобилов Аҳмад Абдуллоевич** таҳти унвони «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар забоншиносии тоҷик мақолаву расоили гуногунеро ном бурдан мумкин аст, ки меҳвари чунин ковишҳоро калимаҳои сохта ташкил додаанд. Бояд гуфт, ки кулли тадқиқоти анҷомдодашуда ба масоили гуногуни ин навъи калимаҳо рабт дошта, дар саргаҳи он пажуҳишҳои анҷомдодаи забоншиносони хориҷиву ватанӣ ба мисли Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев, М. Ҳ. Султон, О. Қосимов, С. Ғаниева, Д. Т. Чхеидзе, Т. А. Чавчавадзе, М. Баҳор ва дигарон меистанд.

Ҳамчун объекти асосии тадқиқот қарор гирифтани калимаҳои сохта дар заминаи маводи осори классикӣ то имрӯз низ аз ҷониби муҳаққиқон идома дорад. Сабаби аслии он ба ин нукта пайванд мегирад, ки то ҳол усули ташаккули калимаҳои сохта дар заминаи маводи осори адибони алоҳида ба таври ҷиддӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Маҳз чунин муаммо унвонҷӯ А. Қобиловро водор кардааст, ки таи чанд сол оид ба хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (дар доираи исму сифат)» тадқиқот анҷом дода, андешаашро тавассути мақолаҳои гуногун матраҳ созад.

Диссертатсияи Қобилов А. ба шиносномаи ихтисоси илмӣ – 10.02. 01 – Забони тоҷикӣ мутобиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуе, ки аз ҷониби диссертант Қобилов Аҳмад Абдуллоевич мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ба яке аз самтҳои муҳимми забоншиносӣ, хусусан калимасозии илму сифат тааллуқ дошта, диссертант мубрам будани

мавзуъро дар он мебинад, ки калимасозӣ яке аз унсурҳои асосии забон, аз ҷумла забони тоҷикӣ мебошад, ки ба ғанисозии он мусоидат мекунад.

Ниҳоят, пас аз ковишу талоши чандинсола, унвонҷӯ А. Қобилов рисолаеро мухтасс ба «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» анҷом дода, барои дифоъ манзур намудааст.

Дараҷаи навоварии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Навоварии рисолаи мазкур дар он аст, ки то кунун китоби «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» аз лиҳози калимасозӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Диссертант А. Қобилов сайъ карда, ки китоби мазкурро аз зовияи калимасозии исму сифат ба таҳқиқ кашад, ки дар ғанӣ шудани ин самти илми забоншиносӣ мусоидат хоҳад кард. Бархе аз вожагоне, ки дар ин китоб корбаст шудаанд, бисёр нодир буда, метавонад ба василаи рисолаи диссертант эҳёи дубора ёбад ва дар такмил ёфтани фонди луғавии забони адабии тоҷик ёрӣ расонад. Аз сӯи дигар, асли ин китоб ба забони арабӣ мебошад ва чигунаии забони тарҷумаи он, хусусан таҳқиқи он дар самти забоншиносӣ мубрам ва муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин манзар низ навоварии рисолаи мавриди гуфтугӯ арзишманд аст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Хулосаи диссертатсия дар 20 банд омада, ки бешубҳа онҳо натиҷаи кори диссертантро ифода месозанд ва ба сифати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқ 4 пешниҳод манзур шудааст. Метавон натиҷа гирифт, ки муаллифи диссертатсия бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навоварии илмӣ ба ҳисоб меравand, ба дараҷаи илмии дастхостшаванда сазовор мебошад.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Диссертант бо таҳлилу баррасӣ ва натиҷагириҳояш донишҳои назариро дар тадқиқи калимасозӣ, хусусан дар бахши исму сифат такмил дода, ки метавонанд дар пажуҳишҳои минбаъда мавриди истифода қарор гиранд. Муҳтавои

кори диссертатсионӣ, бахусус дар таҳқиқи вожаҳо заминаҳои илмӣ фароҳам меорад. Метавон гуфт, ки рисолаи мазкур дар таҳлилу баррасии калимаҳои мавриди истифодаи замони Сомониён, ки ин «Тафсири Табарӣ» тарҷума шудаанд, бисёр муҳим мебошад. Масъалаи интихоби мавзуъ, таҳқиқи мутуни таърихӣ, хусусан динӣ ва дигар масоили таҳқиқшуда низ дорои аҳаммияти назарию амалӣ мебошад.

Қисмати асосии таҳқиқ. Сохтори рисолаи мавриди тақриз аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт фароҳам омадааст.

Масоили меҳварии муқаддимаи рисоларо мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи мавзуъ, ҳадафи таҳқиқ, объекти таҳқиқ, аҳаммияти назарии таҳқиқ, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва г. ташкил кардаанд. Муҳаққиқ нуқтаи назари донишмандони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла забоншиносони ватанӣ монанди Ш. Рустамов, М. Шукуров, М. Н. Қосимова, С. Ҳалимов, Д. Хоҷаев, О. Қосимов, Ш. Кабиров, Т. Шокиров, С. Раҳматуллозода, М. Олимҷонов ва хориҷӣ мисли А. Ҳумоюнфаррух, П. Н. Хонларӣ, М. Баҳор, М. Ҷ. Шариат ва монанди инҳоро оид ба мавзуи мазкур баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқ намуда, андешаҳои худро ҷиҳати ин ё он масъалаи мавриди баҳс мустақилона иброз доштааст.

Боби якуми диссертатсия - "Хусусиятҳои вандҳои исмсоз" - ба нақши пешванд ва пасвандҳои калимасози дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» мустаъмал бахшида шудааст. Дар боби мазкур масоили назарии калимаҳои сохта, ки аз ҷониби забоншиносон тадқиқоти мутааддидеро ба бор овардааст, мавриди баррасии соҳиби рисола қарор гирифтааст. Ҳамчунин, бояд ёдовар шуд, ки дар мавридҳои ҷудогона унвонҷӯ А. Қобилов аз хусуси ҳусну қубҳи баъзе мақолаву рисолаҳо ёдовар шуда, андешаи шахсиашро оид ба онҳо баён кардааст.

Фасли аввали боби якум ба шарҳи калимаҳои сохтае пайванд гирифтааст, ки онҳо бо пешванди исмсози "ҳам" ташаккул ёфтаанд. Диссертант дар ин фасл калимаҳои сохтаи зиёдеро ба доираи таҳлил кашида, дар мавридҳои зарурӣ ба ташаккули таърихии онҳо низ руҷуъ кардааст.

Масалан, андешаи муаллифи рисола доир ба ташаккули таърихӣ ва доираи корбурди пешванди мавриди таҳлил чунин аст: "... фаъол будани ҳам- дар бунёди вожаҳои сохта ба он вобаста аст, ки он яке аз унсурҳои хеле куҳани тоҷикӣ ба шумор рафта, дар тули чанд ҳазорсола ҳамеша дар вазифаи калимасозӣ қарор дошт, яъне корбурди онро ҳам дар забони эронии бостон ба гунаи *ham (a)-, ҳам дар забони порсии миёна дар шакли ham- метавон дучор гардид" (с.13).

Бояд гуфт, ки исм аз нигоҳи соҳиб буданаш ба пешванд назар ба сифат бартарӣ надорад, вале ҳамон як пешванди "ҳам" ба дараҷае имкони калимасозиро дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дорост, ки на ҳар пешванди сифатсоз ба он молик аст. Инчунин, пешванди мазкур фақат ба вожаҳои аслии тоҷикӣ васл шуда, силсилаи унсурҳои луғавиро ба вуҷуд овардааст.

Мавзуи марказии фасли дувуми рисола ба пасвандҳои исмсоз рабт дошта, дар асар шаш навъи пасвандҳои исмсоз: созандаи макон, шахс, маънӣ, шайъсоз ва монанди инҳо ба назар расида, ҳар кадоми онҳо аз ду то панҷ ададӣ пасванд дошта, муаллиф бо овардани маводи фактологӣ аз «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» исбот кардааст, ки доираи истеъмоли чунин пасвандҳо дар ин сарчашмаи классикӣ ҳамгуну ҳамсон нестанд. Масалан, муаллифи рисола доир ба пасванди "-а" чунин ақидаро манзур кардааст: "Аз рӯйи маводи фактологии гирдомада мо ба чунин хулоса омадем, ки ин унсури калимасоз дар он рӯзгори қадим дар вожасозӣ низ нақши ба худ хосе доштааст. Масалан, мутарҷимони тафсири мазкур калимаи *гӯша*ро бисту ҳашт маротиба ва *дандонаро* танҳо ду маротиба истифода бурдаанд" (с.19).

Қудрати васлгардии пасвандҳои исмсоз ба унсурҳои луғавии мансуб ба забонҳо ягона набуда, баъзе танҳо ба вожаҳои аслии тоҷикӣ ва бархе ҳам ба аслӣ, ҳам иқтибосӣ (арабӣ) ҳамроҳ шуда, калимаҳои наве сохтаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои вандҳои сифатсоз» унвон гирифта, фарогири се фаслу шонздаҳ зерфасл мебошад. Дар ин боб калимаҳои сохтаи сифатие ба доираи тадқиқ кашида шудаанд, ки унвонҷӯ онҳоро аз рӯйи тарзи ташаккулашон ба гурӯҳҳои ҷудогона тасниф кардааст. Мушоҳидаи рисола аз он шаҳодат медиҳад, ки дар он бештар пешвандҳои сифатсози “бо-; бар-; бе-; но-” ва пасвандҳои “-манд; -нок; -вор; -ина; -сор” ва ғ. таҳлилу тадқиқ шудаанд.

Сифатҳои асар дорои чаҳор пешванд буда, бархе аз онҳо танҳо дар як шакли мушаххас ва баъзе дар ду шакл ба кор рафтаанд.

Муаллиф ба таърихи баъзе пешвандҳои сифатсоз, мисли бо- \ ба- руҷуъ намуда овардааст, ки онҳо дар порсии миёна дар шакли *–apāk* ё *-abāg* дучор буда, аслаш ба **ира*-и эронии қадим, *ира*-и порсии куҳан мерасад. Инчунин пешвандҳои дигар монанди *бе-* аз нигоҳи имкони ҳамроҳгардияшон ба калимаҳои мухталифреша фарқ дошта, пешванди *бо- | ба-* бештар ба иқтибосҳои арабӣ, аммо пешванди *бе-*, баръакс, асосан ба унсурҳои луғавии аслии тоҷикӣ замима шуда, сифати нав сохтаанд.

Инчунин диссертант ҳангоми баррасӣ намудани иқтидори калимасозии ҳар унсури калимасоз ҳисоби омориро пеш гирифта, дараҷаи корбурди онҳоро инъикос намуда ва ба ин восита хостааст, ки доираи корбурди онҳоро дар даврони Сомониён нишон диҳад. Таҳлил нишон додааст, ки теъдоди пасвандҳои созандаи сифатҳои аслӣ назар ба пасвандҳои созандаи сифатҳои нисбӣ дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» бештар мушоҳида мешавад.

Боби сеюми рисола «Вижагиҳои хоссаи забони «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар корбурди исму сифатҳои сохта» унвон гирифта, он аз ду фасл ва шаш зерфасл фароҳам омадааст. Муаллиф ҳангоми таҳлили калмаҳои сохта дар боби мазкур дороиҳои забони даврони Сомониёнро ба таври равшан инъикос кардааст.

Яке аз вижагии «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ин дар ду шакл ё беш аз он ба кор рафтани гурӯҳе аз унсурҳои луғавӣ маҳсуб мешавад. Ин масъала дар фасли аввали боби мазкур бо овардани мисолҳо таҳлил шудааст. Чунин хусусияти сермувозӣ ҳам ба исмҳои сохта ва ҳам ба сифатҳои сохта хос мебошад, ки муаллифи диссертатсия дар зерфаслҳои алоҳида (калимаи *ҳамбоз* инчунин ба гунаҳои *ҳанбоз* ва *анбоз* (саҳ.113), мувозиҳои парҳезгор \ парҳезкор (саҳ.118), растагор \ растакор (саҳ.118)) таҳлил намудааст.

Албатта, миқдори маъноҳо дар ҳар забон назар ба калимаҳо бештар мебошад, ки адибон ҳар як унсури луғавиро дар ифодаи чанд маъно ба кор мебаранд. Чунин хусусият дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар доираи калимаҳои мансуб ба исму сифатҳои сохта низ ба мушоҳида расид.

Ин аст, ки муаллиф дар фасли дуюми боби зикршуда дар ду зерфасл оид ба доираи маъноии исму сифатҳои сохта андешаронӣ карда, калимаҳои Худованд ба маъноҳои: 1) Аллоҳ; 2) соҳиб (саҳ. 120), ҷонвар ба маъноҳои: 1) Зинда, ҷондор; 2) ҳайвонот (саҳ. 121), даргоҳ ба маъноҳои 1) манзил, ҷой; 2) дар назди, дар пеши (саҳ. 122), пойгоҳ ба маъноҳои: 1) дараҷа, мартаба; 2) обрӯ, манзилат; 3) подош, мукофот (саҳ. 123), равиш ба маъноҳои: 1) ҳаракат; 2) рафтор; 3) тариқа, тарз, усул (саҳ. 123), оромиш ба маъноҳои: 1) таскин; 2) фароғат, роҳат (саҳ. 124), пурсиш ба маъноҳои: 1) суол кардан; 2) ҳолпурсӣ (саҳ. 125), бахшиш ба маъноҳои: 1) омурзиш ва авф; 2) ато, инъом (саҳ. 125) ва м. инҳоро таҳлил кардааст.

Дар фасли дигари ҳамин боб масоили исму сифатҳои сохтаи нодир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф як ҳиссаи унсурҳои луғавии дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» вуҷуддоштаро, ки бо нодир будани худ аз дигар вожаҳо фарқ мекунанд, таҳлил намуда, бо овардани мисолҳои зиёд, мисли шуморгоҳ ба маънои арсаи қиёмат, маҳшари мардум (саҳ. 135), нишастангоҳ (саҳ. 136), зистангоҳ (саҳ. 135), пойчазор ба маънои "қисми поёнии пой то буҷулак" (саҳ. 137), табанча

ба маъниoи “латма, зарба” (саҳ. 137), водигоҳ ба маънои “мавзеъ, сарзамин” (саҳ. 138), ёвигоҳ ба маънои «мавзеи нобудӣ, макони фаромӯшшуданӣ» (саҳ. 138), гармгоҳ ба маънои “вақти гармии ҳаво, қиём, пешин” (саҳ. 138), вошудангоҳ ба маънои «мавзеи зист, умргузаронӣ» (саҳ. 139), вогаштангоҳро ба маънои «мавзеи гаштугузор» (саҳ. 139), даровардангоҳ ба маънои «даромадгоҳ, мавзеи вуруд» (саҳ. 140) ва даҳҳои дигарро баррасӣ кардааст.

Бояд зикр намуд, ки ин боб яке аз бобҳои асосии рисола ба шумор рафта, дар онҳо мувозиҳои исму сифатҳои сохта, доираи маъноии онҳо, унсурҳои луғавии нодир, ки луғатнависи машҳури Эрон Алиакбари Деҳхудо аз пурра ҷой надодани маводи ин асар дар луғатномааш таассуф хӯрда буд, забони даврони Сомониёнро дар мисоли калимаҳои сохта то андозае равшан кардааст.

Ниҳоят, хулосаи рисолаи мавриди тақриз дар якчанд банд маҷмуа шуда, нуктаҳои меҳварии диссертатсияро фаро гирифтааст.

Ҳамин тариқ, муаллиф дар кашфи калимаҳои сохтаи «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» тадқиқоти судмандеро ба сомон расонида, аз уҳдаи забти масоили асосии дар пеш гузоштааш ба хубӣ баромадааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ мазмуни асосии рисола ва автореферотро ифода менамоянд. Ба ин далел, ки муаллиф дар доираи рисолааш 11 мақола чоп кардааст, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир шудааст. Месазад гуфт, ки шумораи маводи чопшудаи А. Қобилов ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Расмиёти диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат карда, диссертасия дар доираи талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таълиф шудааст.

Эродҳо ба диссертатсия. Дар баробари муҳассиноти зиёд дар рисолаи диссертатсионӣ бархе норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар оянда бар манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар саҳифаҳои 3, 9, 20, 25, 31, 77, 132 хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва пунктуатсионӣ ба назар мерасад.
2. Дар баъзе мавридҳо мувофиқат накардани мубтадо ва хабар дар шахсу шумора ( саҳ. 56, 87,113) мушоҳида мешавад.
3. Дар рисола калимаҳои сохта бо вандҳои иқтибосӣ (аз ҷумла арабӣ) мавриди таҳлилу таҳқиқ карор дода нашудааст.
4. Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобӣ (ниг. с.13; 14 ва г.) ба назар расиданд.

Қисмати хотимавии тақриз. Эродҳои зикршуда, чандон арзиши принсипалӣ надоранд ва дастовардҳои илмии муҳаққиқро намекоҳонанд, зеро рисолаи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» як таҳқиқоти анҷомёфтаи пурарзиш аст.

Натиҷагириҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои судманди муҳаққиқи ҷавон дар роҳи омӯзиши минбаъдаи бахшҳои калимаҳои сохта, омӯзишу пажуҳиши калимаҳои нодири осори классикон, тартиб додани фарҳангномаи вожаҳои нодири осори классикон ва рушду нумуи забони форсии тоҷикӣ мусоидат кардааст. Ба назари мо, рисолаи

мавриди назар барои мутахассисон ва донишҷӯёни бахши филология дастури пурарзише хоҳад шуд.

Мавзуи диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси 10.01.02 – Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» кори илмӣ-таҳқиқи анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич таҳти унвони «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Тақризи муқарризи расмӣ бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони
тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»

Юсупов А.И.

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 139, МДТ-и

«Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»
Тел: (+992) 985 63 64 65; abdullo-yusupov@inbox.ru

Имзои Юсупов Абдулло Исмоиловичро тасдиқ мекунам, Сардори Раёсати рушди кадрии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», н.и.т., Сафаров Б.И.
Тел: +992 446003615;
E-mail: somona@tajmedun.tj
Сана: «9» феврали соли 2024